«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор
__________ Маҳмадёрзода У.М.
«20» 04 2023 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи « Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми география: Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣбахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Дар марҳилаи кунунӣ таҳқиқ намудани проблемаҳои марбут ба соҳаи географияи иқтисодӣ, алалхусус дар бораи ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин ба мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо, ки дар конференсияҳои илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудаанд асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин,

тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқоти ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор гузаронида шудааст ва барои боз ҳам беҳтар намудани ҳолати ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҷиҳати рушди вазъи иқтисодӣ –географии ноҳия дар соҳаи мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии таҳқиқот, инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба таҳқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бахри коркарди механизмҳои нави татбиқи дурусти он талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани таҳқиқоти комплексии хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба амал бароварда шудааст.

Диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки барои рушди илми географияи ватанӣ ва ба беҳтари гардидани хоҷагии халқ саҳми назаррас гузоранд.

Мавҷудияти сарватҳои зиёди табиӣ, ба мисли захираҳои обу энергетика, маъданӣ ва ғайримаъданӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби интихоби обеъкти таҳқиқоти кори илмӣ гардид. Дар ҳудуди ноҳия азхудкунӣ ва истифодабарии сарватҳои табиӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва роҳҳои ёфтани соҳаҳои комуникатсионӣ, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ кам омӯхта шудааст, ки ин ҳолат мубрам будани мавзуи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, дар дисертатсия таҳлилу баррасии ин масъалаҳо ва пайдо

намудани сабабҳое, ки ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор таъсири манфӣ мерасонанд арзёбӣ мегардад. Маҷмуи масоили мазкур мақсади омӯзиш ва ҳалли ин проблемаҳоро ба миён овард ва ин аввалин кӯшиши таҳлил ва омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мебошад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия иникос гардида, дараҷаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи иқтисодӣ - географии ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат буда, дар доираи он вобаста ба масъалаҳои назариявӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва таърихи ташакулёбии соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Ҳисор мавриди таҳқиқот гузаронида шудааст.

Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти иқтисодӣ ва экологиро дар бар гирифта, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байни табиат ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар заминаи мавҷудияти захираҳои сарватҳои табиӣ, саноатӣ, коркарди металургияи ранга ноҳияи иқтисодии Ҳисор дар байни ноҳияҳои дигари иқтисодии Тоҷикистон дар ҷои намоён мебошад.

Таҳқиқотҳо собит менамоянд, ки сарватҳои табиӣ сарчашмаи асосии ҳаёт буда, воситаи асосии истеҳсолот ба ҳисоб мераванд. Яке аз муаммоҳои асосии ҳозира истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар ноҳия мебошад.

Ҷалби сарватҳои табиӣ дар истеҳсолот ва муайян намудани таъсири онҳо дар рушд ва ҷобаҷогузории истеҳсолот тадбирҳои иловагиро

тақозо менамояд. Дар шароити ҳозира, бояд ҳамаи ташкилотҳои дахлдор кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки роҳҳои ҷалби сарватҳои табиӣ ва таъсири онҳоро дар рушд ва ҷобаҷогузории истеҳсолот, вобаста ба минтақаҳои алоҳидаи ноҳия муайян карда шавад.

**Боби дуюми диссертатсия – «Хусусиятҳои иқтисодӣ - географӣ, рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат, ҷалби қувваҳаи истеҳсолкунанда ба соҳаҳои саноат, ҷобаҷогузории соҳаҳои кишоварзӣ, аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва проблемаҳои самаранок истифодабарии онҳо дар ноҳия мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст.

Диссертант қайд мекунад, ки раванди саноатикунонии босуръати кишвар ба хусусиятҳои дуруст ва оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда дар заминаи қонуниятҳои гуногуни географӣ –иқтисодӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Дар ноҳия имконотҳои зиёди табиӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни саноат мавҷуд аст, лекин бояд гуфт, ки муҳити атроф қобилияте дорад, ки ҳамеша ҷисмҳои заҳрнок ва нолозимро аз сари нав ба ҳолати пештара табдил диҳад ё безарар гардонад. Партовҳои саноатӣ, газҳои гуногуни заҳрнок ва ифлоскунии об ба дараҷае расидааст, ки табиат барои аз нав барқароркунии онҳо имконият надорад. Аз ҳамин лиҳоз, дар оянда барои сохтани заводу фабрикаҳое, ки партовҳояшон камаст ва ба муҳити атроф безараранд, сохтанро лозим медонад.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф иброз менамояд, ки яке аз унсурҳои асосии таркиби хоҷагии халқ кишоварзӣ мебошад. Вазифаи асосии соҳаҳои кишоварзӣ пеш аз ҳама аҳолиро ба маҳсулоти озуқа ва корхонаҳои саноати сабук ва хурокворииро бо ашёи хоми кишоварзӣ таъмин намудан аст. Аз ин рӯй муаллиф қайд менамояд, ки кишоварзони соҳибтаҷриба ва асилу кордони ноҳия дар масъалаи истифодаи оқилонаи обу замин, яъне маданияти заминдорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар заминҳои обӣ мебошанд.

Диссертант ба масъалаи омӯзиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар ноҳия диқакти ҷиддӣ дода, барои муайян намудани дараҷаи урбанизатсия ва хусусан таъмини аҳолӣ ба ҷойҳои кор ва таъмини озуқаворӣ кушиш ба харҷ додааст.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки бо вуҷуди афзоиши корхонаҳои саноатӣ ва баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар ноҳия, аҳолӣ ҳанӯз бо ҷои кор ба пуррагӣ таъмин нагардидаанд. Ҳангоми омӯзиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии ноҳия бунёди корхонаҳои саноатии меҳнатталаб дар ноҳия боиси кам гардидани шумораи муҳоҷирати меҳнатӣ ва кам гардидани бекорон дар ноҳия мегардад.

**Боби сеюми диссертатсия – «Дурнамои рушд, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор»** аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур масоили оқилона истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва таъсири он дар дурнамои соҳаҳои саноат, дурнамои соҳаҳои кишоварзӣ, проблемаҳои иқтисодӣ – географии рушди соҳаҳои нақлиёт ва дурнамои рушди сайёҳӣ ва рекреатсия мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ба ақидаи муаллиф дурнамои саноати ноҳияи иқтисодии Ҳисор бояд ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ашёи хом ва истифодаи мақсадноки захираҳои меҳнатӣ равона карда шавад. Яке аз шартҳои муҳими рушди минбаъдаи соҳаҳои саноати ноҳия ин ба таври комплексӣ коркарди канданиҳои фоиданок ва дуруст истифодабарии захираҳои меҳнатӣ мебошад.

Инкишоф ва пешрафти кишоварзӣ барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ дар асоси дигаргунсозиҳои соҳаҳои он имконпазиранд. Роҳи асосии сиёсати аграрии ноҳияи иқтисодии Ҳисор ин мунтазам вусъат намудани истеҳсолот – иқтидори кишоварзӣ дар асоси маданияти баланди зироаткорию чорводорӣ бо мақсади ба даст даровардани ҳосили баланд ба роҳ монда шудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки яке аз роҳҳои тараққиёти ноҳия наклиёт ба ҳисоб меравад. Наклиёт омили асосии таъсир расонанда дар ташаккули минтақавӣ ва ҷойгир намудани соҳаҳои истеҳсолот мебошад. Қайд карда мешавад, ки фаъолияти бомувафақият ва тараққиёти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз кори наклиёт вобастагии калон дорад.

Дар кор қайд карда шудааст, ки аҳамият ва накши сайёҳӣ дар самти рушди иқтисодии кишвар, қонеъ намудани талаботҳои шахсӣ, бо ҳам алоқамандии муносибатҳои иҷтимоии байни кишварҳо бо таври воқеӣ арзёбӣ намудан, кори басо мушкил аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки бинобар ин, ташкилу тарақӣ додани соҳаи рекреатсия ва бунёд намудани иншоотҳои санаторию курортӣ дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ҳам аҳаммияти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳам маънавӣ дорад. Аз ин лиҳоз, рекреатсия дар солҳои наздик ба як соҳаи муҳимми манфиатбахшу сердаромад табдил хоҳад ёфт.

Ҳамин тариқ, азхудкунии захираҳои рекреатсионии минтақаҳои ноҳияи иқтисодии Ҳисор, дар оянда якҷоя ба масъалаи таъминоти илмии тарақиёти ин самтро ҳал намудан лозим аст. Баҳо додан ба кору вазифаҳои дарпешистода, муайян намудани устувории ландшафтҳо ба сарбории рекреатсионӣ, муайян намудани иқтидор ва ғунҷойиши рекреатсионии ҳар як ҳудуд, васеъкардании нуқтаҳои мушоҳидаи компонентҳои алоҳидаи табиат дар минтақаҳои алоҳида, шабакаи мушоҳидакуниҳои статсионарӣ, гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, тиббӣ – биологӣ ва ғайраҳо аз қабили ҳамин масъалаҳо мебошанд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда дар кор ба диссертант имкон додааст, ки хулосаву пешниҳодҳои муайянро оиди хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузоии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор таҳия намояд.

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки таҳқиқбаранда дар ҳалли масъалаҳои илмии марбут ба хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда муваффақ гардида, нуктаҳое

илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми география мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал бо забони давлатӣ оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ – географӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ба инобат гирифтани марҳилаҳои таърихии рушди қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Ш.М. дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташкили ҳудудии истеҳсоли муайян карда шавад.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Ибодов Ш.М. манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташкили ҳудудии истеҳсоли саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Географияи иқтисодии мамлакатҳои хориҷа», «Ноҳиябандии иқтисодӣ географӣ», «Баҳодиҳи иқтисодӣ ба сарватҳои табиии» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Мехостам дар бораи заминаи картографие, ки ҳамчун «Атласи географии ноҳияи иқтисодии Ҳисор»-ро дар миқёси 1:750 000 истифода шудааст, тавзеҳот гирам, ки онро муаллиф дар харитаи 2.1.1 корхонаҳои саноатие, ки дар солҳои 2018-2021 сохта ба истифода дода шудааст, дар харита ворид накардааст.

2. Дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ аз корҳои илмии олимони ватанӣ дар масоили ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда кам истифода гардидааст.

3. Дар кори диссертатсионӣ агар муаллиф оид ба масъалаи назариявӣ ва методологии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда васеътар омӯзиш менамуд ва методи нави омӯзиши ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаро пешниҳод менамуд мувофиқи матлаб мегардид.

4. Дар нуқтаи ҳаштуми пешниҳодҳо барои такмил ва дурнамои эносайёҳӣ дар ноҳияҳои Турсунзода ва Шаҳринав бо такя бо кадом омилҳои географи ба инобат гирифта шудааст. Аз ин рӯ, аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки масъалаи мазкурро возеҳтар баён менамуданд.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Ибодов Ш.М. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ

менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Ибодов Шухрат Маҳмадиевич ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ (илмҳои география) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ тахти №8 аз 01 майи соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Насиров, Р – профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Доктори илмҳои иқтисодӣ 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисод, ташкил ва идораи муасисаҳо, соҳаҳо, маҷмааҳо-комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ)., омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратмаҷлиси кафедра №8 аз 24 апрели соли 2023.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи
ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ______ Анваров И.М.

**Ташхисгар:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ______ Носиров Р.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. ______ Сахимова Р.

Имзои Анваров И.М. ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ______ Раҷабова И.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146; Тел.: (992 37) 2 24 72 07. E-mail: rectortau31@mail.ru http// www.tajagroun.tj